**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-030-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

**ТАҚРИЗИ**

**Муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Мамадғафуров Исмоил Эгамназарович дар мавзӯи «Тағйирёбии дурнамои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар ибтидои асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04. - Масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналхалқӣ, рушди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ (илмҳои сиёсӣ)**

Таҳқиқи масъалаи тағйирёбии дурнамои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар ибтидои асри XXI дар марҳилаи пурра аз ин кишвар бароварда шудани неруҳои эътилофи байналмилалӣ таҳти роҳбарии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва ташаккули элитаи нави роҳбарикунандаи кишвар, хосатан барои ҳамин давраи таърихи ин мамлакат, уфуқҳои ояндаи он, хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

Дурнамои ба сари ҳокимият омадани сарварони ба Ғарб майлдошта онҳоеро, ки ба устуворию суботи вазъи минтақаи Шарқи Миёна таваҷҷуҳ доранд, водор менамояд, ки ба ин масъала диққати ҷиддӣ диҳанд.

Дар сиёсати хориҷӣ тақвият ёфтани омилҳои динӣ-мазҳабӣ ва инкишофи вазъият дар як қатор кишварҳои Шарқи Миёна хусусияти хосро ба худ касб намудааст. Дар Афғонистон дар ибтидои асри XXI тағйироти бузурги ҷамъиятӣ – сиёсӣ ба амал омада, ин омил, муҳим будани мавзӯи таҳқиқро таъкид намуда, ба ин асос онҳо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд.

Муаллиф аҳаммият ва зарурияти мавзӯи мавриди таҳқиқро бо далелҳои мушаххас ва боэътимод дар муқаддимаи рисола асоснок намудааст.

Нақшаи корӣ ба таври зарурӣ мураттаб гашта, масъалаҳои умдаи сиёсати хориҷии Афғонистон дар ибтидои асри XXI ва ҳамзамон мушкилоти мавҷуда дар роҳи рушди равобит, аз он ҷумла таъсири фаъол гаштани ҳаракати Толибон, ки ба амнияти ин кишвар ва минтақа хатарзо мебошад, инъикос ёфтанд.

Дар муқаддима, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, сарчашмаҳои мавриди истифода қарорргирифта, шарҳ дода шудаанд. Аз шарҳи адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашуда ва гурӯҳбандии онҳо бар меояд, ки муаллиф то ҳадди имкон адабиёти дар ин замина мавҷудбуда ва санадҳои дуҷонибаи байнидавлатиро мавриди баррасӣ қарор додааст. Ҷойи зикр

аст, ки тавассути ин таҳқиқот баъзе аз санадҳо ва сарчашмаҳои расмӣ бори аввал ба гардиши илмӣ ворид гардидаанд. Қобилияти муаллиф дар ҷустуҷӯи сарчашмаҳо, интихоби онҳо, ёфтани шоҳидони таҳаввулот ва гирифтани маълумоти зарурӣ барои таҳқиқот, намоён мебошад. Таҳқиқи таҳаввулоти ду даҳсолаи охири Афғонистон равандҳо ва натиҷаҳоро таҷассум намудааст.

Дар рафти таҳқиқи диссертатсия усулҳои умумимантиқӣ, индуктивӣ ва дедуктивӣ, таснифот ва низомнокӣ, таҳлили вазъиятҳои ҷудогона, ҳамчунин усули муқоисавӣ-таърихӣ истифода гардидаанд. Истифодаи усули умумимантиқӣ ба муаллиф имкон медиҳад, ки раванди ташаккул ва рушди сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистонро дар давраи зикргардида баррасӣ намояд.

Ҳамзамон, тавассути ин усул, муаллиф, тағийрёбии сиёсати хориҷии Афғонистонро дар партави дигаргуниҳои дохилисиёсии кишвар ва ба сари қудрат омадани симоҳои нави сиёсӣ мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додааст.

Объект ва предмети таҳқиқ муайян гардида, ҳадафи он ба таври мушаххас дар шакли муайян намудани хусусияти робитаҳо, таҳлили равандҳои ташаккул, иҷрои муқаррароти созишномаҳои байнидавлатӣ, мушкилоти мавҷуда дар робитаҳо, инъикоси худро ёфтаанд.

Ҳамчунин, дар рисола омилҳои таъсиргузор дар муносибатҳои ду кишвар ва пайомади рақобати кишварҳои абарқудрат дар Афғонистон дар баробари низоми амниятии кишварҳои Осиёи Марказӣ низ ба таври худ баррасӣ гаштаанд.

Муаллиф бо рисолаи анҷомдода шуда, вазифаҳои илмӣ-таҳқиқотии дар пешгузоштаи худро бо муваффақият иҷро намуда саҳифаи навро дар илми сиёсатшиносӣ боз намудааст.

Муқаррароти барои ҳимояи диссертатсияҳои номзадӣ пешбинишуда, мутобиқи ҳадаф ва вазифаҳои муайяннамудаи рисола мураттаб пешниҳод шудаанд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар **«Сарсухан»** мубрамияти мавзӯъ асоснок гардида, сатҳи омӯзиши илмии масъала баррасӣ шудааст. Ҳамзамон бо муайян намудани объект ва предмети таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои таҳлил, навгонии илмии он, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда тасвия шуда, асоси методологии диссертатсия, аҳаммияти назариявӣ ва амалии он асоснок гардидаанд. Ин бахш бо нишондоди сохтори диссертатсия ба анҷом мерасад.

Боби якуми диссертатсия **“Асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқи таҳаввули низоми муносибатҳои байналмилалӣ”,** аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби якум **“Асосҳои илмӣ - методологии таҳлили дурнамои сиёсати хориҷӣ”,** методологияи таҳқиқи стратегияи сиёсати хориҷӣ бо мисолҳо мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Муаллиф менигарад, ки сиёсати хориҷӣ ҳамчун соҳаи хоси муносибатҳои ҷамъиятӣ дар баробари пайдоиши давлатҳо ба вуҷуд омадааст. Ҳар як ҷомеаи сиёсӣ, яъне давлат, ногузир бо ҷомеаҳои сиёсии монанд, муносибатҳои мутақобилан судмандро барқарор менамояд. Дар ҳоле, ки то ба имрӯз, дар назди муҳаққиқони ин соҳаи илм масъалаи мувофиқати мафҳумҳои “сиёсати берунӣ”, “сиёсати байналхалқӣ” ва “сиёсати умумиҷаҳонӣ” то ҳол ҳамчун мавзӯи баҳси онҳо боқӣ мемонад. Ҳарчанд аксар муҳаққиқон ин мафҳумҳоро ҳамчун муродифот истифода мекунанд, аммо байни онҳо тафовут ҳаст. Мафҳуми “сиёсати байналмилалӣ” чун мафҳуми “сиёсати ҷаҳонӣ”, одатан фаъолият ва муносибати мутақобилаи давлатҳоро дар сатҳи ҷаҳонӣ баён менамояд. Вобаста ба ин, сиёсати ҷаҳонӣ аз сиёсати воҳидҳои таркибии он фарқ дорад. Он на танҳо маҷмӯъ ё баробартаъсирии сиёсати берунаи кишварҳо ба шумор меравад, балки ҳамчун соҳиби муайянкунандаҳои хоси сифатӣ низ мебошад.

Зербоби дуюм таҳти унвони **“Хусусиятҳои ташаккули фаъолияти хориҷии давлатҳои рӯ ба тараққӣ дар замони муосир”** ба таҳлили роҳҳо ва воситаҳои ташаккули муносибати сиёсати хориҷӣ дар мисоли давлатҳои рӯ ба тараққӣ бахшида шудааст.

Муаллиф дар зербоби мазкур оварда аст, ки ташаккули манфиатҳои миллии давлат, раванди бисёрзинагии дуру дарози таърихӣ мебошад. Раванди мазкур дар ҳамбастагии мураккаби омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, миллӣ, психологӣ ва ғайра, ки дар маҷмӯъ хусусият ва мундариҷаи таҷрибаи миллӣ – таърихии кишвари алоҳида ё давлатеро муайян мекунанд, сурат мегирад. Вобаста ба ин, худи сиёсат, ё дохилӣ, ё хориҷӣ бо хусусиятҳои хоси худ ҳамеша ҳамчун воситаи амалӣ гардидани манфиатҳои миллии давлат боқӣ мемонад.

Боби дуюми рисола “**Нақши таҳаввулотҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон”** аз ду зербоб иборат мебошад. Зербоби якум **“Заминаҳои таҳаввулоти сиёсӣ дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон”** ном дошта, дар он мавзӯъ дар партави давлати ягона ва бо шакли идоракунии президентӣ ва дар давраи гузариш будани Ҷумҳурии Исломии Афғонистон мавриди таҳқиқот қарор додааст.

Муаллиф менависад, ки дар моҳи декабри соли 2001, раванди ташаккулёбии ин шакли давлат баъд аз суқути ҳаракати “Толибон” оғоз шудааст. Тибқи Конститутсияи Афғонистон, ки соли 2004 қабул шуд, кишвар ба асоси моддаи марбути он Ҷумҳурии Исломӣ эълон гардидааст. Ҳоло асоси сиёсати Ҷумҳурии Исломии Афғонистонро тамомияти арзӣ, соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти миллии давлат ташкил медиҳад.

Дар фаъолияти сиёсати хориҷӣ, яке аз принсипҳои муҳим - принсипи бетараф (нейтралитет) будани Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба шумор меравад. Аммо таҳдиду хатарҳое, ки аз Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҳамчун терроризми байналмилалӣ, экстремизм, интиқоли ғайриқонунии маводи мухаддир, силоҳ сурат мегиранд, боиси он мегарданд, ки дар ин росто ҷиҳати аз байн бурдани онҳо, кишвар, барои кумак ба ҷомеаи ҷаҳонӣ муроҷиат намоянд.

Дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар баробари дигар аснод, ду ҳуҷҷат: “Оинномаи СММ” ва “Эъломияи ҳуқуқи башар” санади роҳнамо мебошанд.

Зербоби дуюми боби мазкур **“Таҳаввулоти рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон”** ба масъалаи равандҳои эволютсионии ба амал оянда дар соҳаи иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, бахшида шудааст.

Дар ин боб муаллиф натиҷагирӣ менамояд, ки сарчашмаи тағйироти сиёсӣ ва эволютсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар ибтидои асри XXI ба ташаббуси Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Британияи Кабир ва якчанд давлатҳои узви СААШ доир ба ҳалли “низои Афғонистон”, ки дар моҳи декабри соли 2001 тибқи Қарори Шӯрои амнияти СММ ва резолютсияи №1386 аз 20 декабри соли 2001 робита дорад, ба муҳлати шаш моҳ, ҷиҳати ҳаллу фасли мушкилоти Афғонистон ҷалб карда шуданд.

Неруҳои эътилофи байналмилалии мусоидат ба амнияти Афғонистон (ISAF) дар ибтидо танҳо дар шаҳри Кобул ва гирду атрофи он фаъол буданд. Бо ибтикори Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва иттифоқчиёни он ба шумули СААШ ва бо дастгирии давлатҳои узви Шӯрои амнияти СММ ваколати ин неруҳо якчанд бор тамдид карда шуданд ва минтақаи масъулияти онҳо васеътар гардид.

Мутобиқи резолютсияи Шӯрои амнияти СММ (№№1413, 1444, 1471, 1510, 1536, 1563, 1589, 1623, 1659, 1662, 1707, 1746, 1776, 1805, 1817, 1833, 1869, 1890, 1917, 1943, 1974, 2011, 2041) амалиёти қувваҳои хориҷӣ дар ҳамаи ҳудуди Афғонистон ҷорӣ карда мешавад. Дар системаи

роҳбарияти ҳарбӣ низ дигаргуниҳо ба амал омаданд: аввал фармондеҳии НБМА аз ҷониби давлатҳо бонавбат сурат мегирад. Бо назардошти мураккабии вазъият, минбаъд амалиётҳои ҳарбӣ тамоми сарзамини Афғонистонро фаро мегиранд. Аз моҳи августи соли 2003 пурра идораи ин ҷараён ба уҳдаи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико мегузарад.

Боби сеюми диссертатсия **"Ташаккул ва рушди сиёсати хориҷии Ҳукумати ваҳдати миллии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон"** аз ду зербоб иборат аст. Зербоби якум бо номи **"Ташаккули сиёсати хориҷии Ҳукумати ваҳдати миллии Афғонистон"**, хусусияти ташаккули сиёсати хориҷии ин кишварро дар замони фаъолияти Ҳукумати ваҳдати миллии Афғонистон инъикос менамояд.

Муаллиф дар ин боб бо хулосабарориҳои мантиқӣ, навиштааст, ки сиёсати хориҷии ҳар як давлат дар асоси манфиатҳои давлатӣ ва миллӣ бунёд шуда, ба таъмини мақсад, вазифаҳо ва самтҳои афзалиятнокӣ сиёсати мазкур дар партави вазъияти геополитикӣ ва геостратегии замони муосир амалӣ карда мешавад.

Тағйири ландшафти геополитикии ҷаҳон ва рушди самарабахши равандҳои байналмилалӣ боиси омода ва қабули доктринаи нави сиёсати хориҷии Афғонистон гардид. Қабули ин ҳуҷҷати муҳим тағйироти бунёдӣ ва принсипиалиро дар сиёсати хориҷии Афғонистон ворид накарда бошад ҳам, тавассути он баръакс ба сифати идомаи арзишҳои қабулшудаи сиёсати хориҷӣ, принсипҳои асосӣ, мақсад ва самтҳои озмудашудаи сиёсати такмили вазифаҳо, роҳҳо ва механизмҳои татбиқи он, дар шароити муташанниҷи олами муосир роҳандозӣ карда мешавад. Асоси ҳуқуқии доктринаи сиёсати хориҷии Афғонистонро Конститутсияи кишвар, санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти мақомотҳои давлатӣ дар сиёсати хориҷӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқии байналмилалӣ, ки ин давлат эътироф кардааст, ташкил медиҳад.

Зербоби дуюми боби сеюм "Рушди сиёсати бисёрсамтаи Ҳукумати ваҳдати миллии Афғонистон" ном дошта, муаллиф дар он сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Афғонистонро бо кишварҳои минтақа ва абарқудрат дар шакли мухтасар мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Хулосаи рисолаи номзадии И. Мамадғафуров мушаххас тартиб дода шуда, тавсияҳои ӯ рушди минбаъдаи сиёсати хориҷии Афғонистон ва равобит бо дигар давлатҳои минтақаро равшан месозад.

**Дар хулосаи таҳқиқоти диссертатсионӣ** муҳаққиқ аз анҷоми корҳои иҷрошуда натиҷагирӣ карда ба натиҷае расидааст, ки дар шароити кунунӣ ба сиёсати хориҷии Афғонистон дар маънои анъанавии он баҳо

додан душвор аст. Сабаб ин аст, ки кишвар, солҳои зиёд дар ҳолати ҷанги шаҳрвандӣ, муқовимати мусаллаҳонаи байниэтникӣ ва ҳузури низомиёни хориҷӣ қарор дорад. Омезиш ва печидагии хатарзои ин омилҳо, ба таҳияи самти даркшуда ва заруриi сиёсати хориҷии мамлакат халал расонида, метавонанд то андозае манфиатҳои миллиро ба манфиати бозингарони хориҷӣ вобаста намояд.

Дар робита бо шаклгирии самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва таҳкими доктринаи сиёсати хориҷии ин кишвар метавон чунин натиҷагарӣ кард, ки ҳамгиройи ин кишвар бо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, кишварҳои Аврупо ва давлатҳои бузурги минтақавӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии ин мамлакат ба ҳисоб меравад.

Рисолаи мазкур аз аҳаммияти илмию амалӣ бархӯрдор буда, натиҷа ва хулосаҳои таҳқиқот метавонад мавриди истифода ва таваҷҷӯҳи доираи васеи алоқамандони сиёсати байналхалқӣ қарор гирад.

Автореферати диссертатсия мазмун ва мухтавои рисолаи диссертатсиониро пурра ифода мекунад.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ, дар диссертатсия як қатор камбудиҳо дида мешаванд, аз ҷумла:

1. Дар диссертатсия ба масъалаи ташаккул ва мушкилоти муносибатҳои дуҷониба дар замони Ҳукумати ваҳдати миллӣ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷӯҳи камтар зоҳир шудааст.

2. Дар қисмати “Муқаррароти асосии таҳқиқот, ки барои дифоъ пешниҳод мегарданд” муаллиф қайд менамояд, ки “Дар давраи муосир рушди сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар ду самти афзалиятнок пеш бурда мешавад. Аз як тараф, бо дарназардошти робитаҳои қавмӣ ва умумияти фарҳангӣ-таърихӣ бо кишварҳои ҳамсоя – Ҷумҳурии Исломии Эрон, Покистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон. Аз тарафи дигар, давлат манфиатдор аст, ки бо Ҷумҳурии Халқии Хитой муносибатҳои наздик нигоҳ дорад. Дар ин росто нодида гирифтани манфиатҳои ҳамкориҳои Федератсияи Россия бо Афғонистон, ки бо қисмати ҷанубии Иттиҳоди Давлатҳои Муштараккулманофеъ ҳамсарҳад мебошад, ба нафъи кор нест.

3. Дар диссертатсия баъзе камбудиҳо дар саҳифаҳои 63 - 77, 78, 79-84, 85-93 ҷой дошта, аз ҷумла нуқсонҳои техникӣ ва услубӣ ба назар мерасанд.

Аммо камбудиҳои номбурда ҷузъӣ буда, аҳаммияти илмии росолаи диссертатсиониро коста намегардонанд.

Таҳқиқоти мазкур кори мустақилонаи илмии анҷомёфта ба шумо рафта, муаллиф ба натиҷаҳои илмӣ муяссар гаштааст. Рисолаи диссертатсионии Мамадғафуров Исмоил Эгамназарович дар мавзӯи «Тағйирёбии дурнамои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар ибтидои асри XXI» ба бандҳои 10-12,14 ва 16-и “Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 таҳти №505 тасдиқ гардидааст, комилан ҷавобгӯ мебошад.

Муаллиф рисола Мамадғафуров Исмоил Эгамназарович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04. - Масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналхалқӣ, рушди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ (илмҳои сиёсӣ) сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Мушовири калони бахши ёрдамчии
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа,
номзади илмҳои таърих, дотсенти
кафедраи фанҳои гуманитарӣ-иҷтимоии
Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба
номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе Сафолзода М.Қ.
03.02.2021

Имзои Сафолзода М.К.-ро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳои Филиали Донишгоҳи
Давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар
шаҳри Душанбе Назарова Ҳ.Т.

ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ

Филиали Донишгоҳи давлатии Москва
ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри
Душанбе, 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи. Бохтар, 35/1
Тел: (+992 37) 221-99-41
E-mail: info@msu.tj